Ба Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА.030
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати диссертатсияи Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович дар мавзӯи «Тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ**

Рушди муосири вазъи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва вазъияти байналмилалӣ нисбати он мушаххасгардонии самти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро бо дигар кишварҳо тақозо менамояд. Ин ҳолат ба васеъшавии имкониятҳои сиёсати хориҷӣ ва иқтисодии давлати Афғонистон ва дурнамои танзими буҳрони сиёсии ин кишвар оварда мерасонад. Дар давраи муосир рушди сиёсати берунаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ду самти афзалиятнок пеш бурда мешавад. Аз як тараф, бо дарназардошти робитаҳои қавмӣ ва умумияти фарҳангӣ-таърихӣ бо кишварҳои ҳамсоя – Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ менамояд. Аз тарафи дигар, давлат манфиатдор аст, ки бо Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва Ҷумҳурии Халқии Хитой муносибатҳои зичро нигоҳ дорад.

Дар солҳои охир Ҷумҳурии Исломии Афғонистон яке аз давлатҳои осебпазиру ба мушкилот печида муаррифӣ мешавад, ки аз қаламрави он таҳдидҳои ифротгарой ва интиқоли маводи мухаддир бармеоянд. Ворид шудани қувваҳои ҳарбии давлатҳои узви Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (минбаъд СААШ) дар соли 2001 ба қаламрави Афғонистон на танҳо масъалаҳои маҳви ташкилоти террористии «Ал-Қоида» ва ҷунбиши «Толибон»-ро ҳал карда натавонист, балки ба зиёд шудани истеҳсоли маводи мухаддир ва интиқоли минбаъдаи он ба кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд ИДМ), аз ҷумла Тоҷикистон, Европа ва дигар давлатҳои ҷаҳон сабаб гардид. Наздикии бевоситаи Афғонистон ба минтақаи Осиёи Марказӣ Тоҷикистонро водор менамояд, ки бо ин давлат самти хоси сиёсати хориҷӣ дошта бошад.

Барои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи мазкур омилҳои зерин муҳиманд: баланд бардоштани сатҳи омодагии ҳарбӣ-сиёсии сарҳадҳои ҷанубии худ ва ИДМ; пешгирӣ кардани интиқоли маводи мухаддир; муҳофизати мамлакат аз таҳдидҳои террористӣ; роҳ надодан ба афзоиши таъсири Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва СААШ дар минтақаи

мазкур; иштирок дар лоиҳаҳои минтақавии иқтисодӣ ва энергетикӣ. Бо дарназардошти чунин вазъ гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар шароити муосир ва дарёфти фишангҳои мувофиқу мутобиқ барои рафъи мушкилоти ҷомеаи афғон ба нафъи кишварҳои Осиёи Марказӣ буда, ҳамзамон масъалаи мубрам ва доғи рӯз аст. Таҳқиқоти Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович ба ҳамин масъала бахшида шуда, таҳаввулоти сиёсати хориҷии ин кишварро бо дарназардошти омилҳои гуногун ифода менамояд.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ методҳои илмии ба мавзӯи омӯзишӣ мувофиқро истифода намудааст. Таҳлили маҷмӯии сохтори сиёсати хориҷии мамлакатҳо дар доираи фаъолнокии сиёсати хориҷии онҳо дар муносибатҳои муосири байналмилалӣ яке аз самтҳои афзалиятноки методологияи таҳқиқотро ташкил додааст. Бо ёрии муносибати бисёрсамта, ки дар навбати худ яке аз принсипҳои пойгоҳии методологии таҳқиқоти ҷараёнҳои тағйирёбандаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мебошад, фаъолнокии сиёсати хориҷии ин кишвар дар оғози асри XXI мавриди таҳқиқи қарор дода шудааст. Ғайр аз ин, дар ҷараёни таҳқиқот методҳои умумимантиқӣ, индуктивӣ ва дедуктивӣ ба таври васеъ истифода бурда шудаанд. Ҳамчунин, усулҳои таснифот ва таҳлили системавӣ нисбати сиёсати хориҷӣ ва ҷараёнҳои тағйирёбандаи сиёсӣ истифода шудаанд.

Яке аз хусусиятҳои муҳимтарини таҳқиқоти Мамадғафуров И.Э дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар илмҳои сиёсии ватанӣ ба тариқи маҷмӯӣ таҳаввули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI-ро мавриди таҳлил қарор додааст. Дар таҳқиқоти муаллиф: асосҳои илмӣ-методологии дурнамои сиёсати хориҷӣ муайян гардидаанд; хусусияти ташаккули манфиатҳои миллӣ ва фаъолияти хориҷии давлатҳои рӯ ба инкишоф таҳлил шудаанд; заминаҳои таҳаввулоти сиёсӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон баррасӣ гардида, таҳаввулоти рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ин кишвар мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст; ташаккули сиёсати хориҷии Ҳукумати ваҳдати миллии Афғонистон омӯхта шудаанд; рушди сиёсати бисёрсамтаи Ҳукумати ваҳдати миллии Афғонистон муйян карда шуда, ҷиҳати беҳтар намудани сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон тавсияҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд. Бо дарназардошти ин, натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки вазъи имрӯзаи равандҳои сиёсӣ, ки дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба амал меоянд, таҳлил ва муайян карда шаванд, рушди минбаъдаи вазъият дар минтақаи Осиёи Марказӣ пешгӯӣ шавад, воситаҳои мубориза бо хатарҳои нав имконпазир гардад, ҳамчунин дар сурати бад шудани вазъият роҳҳои пешгирии он муайян карда шавад.

Ба сифати норасоӣ ба муаллифи диссертатсия пешниҳод менамоям, ки дар оянда ба омӯзиш ва таҳқиқи омилҳои минтақавии низоъҳои Афғонистон ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ низ машғул шавад. Ҳарчанд дар таҳқиқот баъзе омилҳои минтақавии нооромиҳои Афғонистон нишон дода шуда бошанд ҳам, ба таҳқиқи он зербоби алоҳида

бахшида нашудааст. Аммо ин норасоӣ ба мундариҷаи таҳқиқот таъсири амиқ намерасонад ва илмияти диссертатсияро кам намекунад.

Аз рӯйи муқаррарот ва натиҷаҳои таҳқиқоте, ки дар автореферат ҷойгир шудаанд, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ таҳия гардидааст. Бо дарназардошти объект ва мақсади таҳқиқот кори илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда таҳқиқоти мукаммал ва мустақилона анҷомёфта мебошад.

Муаллиф вобаста ба мавзӯи таҳқиқотии худ чаҳор мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда чоп намудааст, ки онҳо натиҷаҳои асосии диссертатсияро дар бар мегиранд. Автореферати диссертатсия тибқи талаботи ҷорӣ таҳия гардидааст ва муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Дар он муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот ва қисмҳои асосии диссертатсия ҷойгир карда шудаанд. Инчунин дар охири автореферат хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, тавсияҳои муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардидаанд. Бо дарназардошти мазмуну муҳтавои автореферат, инчунин дар асоси методҳои истифодашуда ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот гуфтан мумкин аст, ки кори илмии Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович дар мавзӯи «Тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI» ба ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мувофиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ мебошад.

Номзади илмҳои сиёсӣ,
мудири кафедраи ҳуқуқ ва
муносибатҳои байналмилалии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Муродова Г.Р.

Имзои Муродова Г.Р.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи А.Рӯдакӣ
_______________________

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроғаи муқарриз:
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16.
Телефон: (+992 33 22) 2-35-06
E-mail: info@kgu.tj